آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

14 декабри соли 2024
Шанбе
№ 100 (15111)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# 18 ИНШООТИ НАВИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУДАНД, СОХТМОНИ БОЗ 6 ИҚТИДОР ОҒОЗ ЁФТ

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 13 декабр дар маросими мутантан бахшида ба истифодасупории иқтидорҳои нави энергетикӣ ва оғози сохтмони як қатор иншоот иштирок кард.***





Лоиҳаҳои мазкур бахши корҳои васеъмиқёсест, ки ба таҳкими иқтидори низоми энергетикии мамлакат нигаронида шудаанд. Моҳи декабри соли гузашта 5 истгоҳи электрии офтобӣ ва 1 адад истгоҳи барқии бодӣ ба истифода супурда шуда буданд. Ҳангоми сафари роҳбари давлат ба минтақа ба татбиқсозии бисёр лоиҳаҳои нав ифтитоҳ бахшида буданд.

Маросими ба истифода супурдани 24 лоиҳаи иқтидори умумиашон зиёда аз 7 миллиард доллар ба вуқӯъ пайваст. Аз ҷумла, дар вилоятҳои Бухоро, Навоӣ, Намангон ва Тошканд 5 истгоҳи электрии офтобӣ ва бодии иқтидори умумиашон анқариб 2,3 ҳазор мегаватт, ҳамчунин 5 зеристгоҳи баландшиддат ба шабакаҳо вобаста карда шуданд.

Бори аввал дар Ӯзбекистон, дар вилоятҳои Андиҷон ва Фарғона низоми захираи энергияи иқтидораш 300 мегаватт бунёд гардид. Дар Қашқадарё истгоҳи электрии иқтидораш 400 мегаватт, дар Тошканд дастгоҳи ҳозиразамони когенератсионӣ, дар вилоятҳои Андиҷон, Сурхондарё ва Тошканд бошад, 4 истгоҳи хурди гидроэлектрӣ ба истифода супурда шуданд.

***(Давомаш дар саҳ.2).***

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# МУЛОҚОТ БО САРОНИ ҲАЙАТҲОИ ХОРИҶӢ

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи маросими тантанавӣ бахшида ба истифода супурда шудани иқтидорҳои нави энергетикӣ ва ифтитоҳи сохтмони як қатор иншоот ҳайати Аморати Муттаҳидаи Арабро дар таркиби вазири саноат ва технологияҳои пешқадам Султон Аҳмад Ал Ҷобир ва вазири энергетикаву инфрасохтор Суҳайл Муҳаммад Ал Мазрӯӣ, раиси Шӯрои соҳибкорони саудияву ӯзбекистонӣ, раиси ширкати ACWA Power Муҳаммад Абӯнайён, раиси ширкати Aksa Enerji-и Туркия Ҷамил Казанчиро пазируфт.**



Дар ҷараёни вохӯрӣ бо ҳайати Аморати Муттаҳидаи Араб дар таркиби вазири саноат ва технологияҳои пешқадам Султон Аҳмад Ал Ҷобир ва вазири энергетикаву инфрасохтор Суҳайл Муҳаммад Ал Мазрӯӣ масъалаҳои минбаъд вусъат додани ҳамкориҳои тарафайни амалӣ ва пешбурди лоиҳаҳои ҳамкории сармоявӣ баррасӣ шуданд.

Дар оғози суҳбат Султон Ал Ҷобир ба сарвари давлати мо паёмҳои самимӣ ва орзуҳои беҳтаринро аз Президенти Аморат Шайх Муҳаммад Ал Наҳайён, Сарвазири мамлакат, Амири Дубай Шайх Муҳаммад Ал Мактум ва ноиб-президент Шайх Мансур Ал Наҳайён изҳор дошт.

Дар ҷараёни мулоқот дараҷаи баланди кунунии муносибатҳои бисёрҷанбаи ӯзбекистониву аморатӣ бо қаноатмандии махсус таъкид гардид. Ҳаҷми мубодилаи тарафайни мол, миқдори корхонаҳои муштарак ва рафтуои хатсайрҳои авиатсионӣ меафзоянд. Маҷмӯи маблағи лоиҳаҳои татбиқшаванда ва татбиқашон пешбинишуда бо иштироки ширкатҳои пешқадами Аморат дар Ӯзбекистон ба 20 миллиард доллар расид.

Энергетикаи сабз муҳаррики ҳамкориҳои дуҷониба мебошад. 13 декабр дар вилояти Навоӣ истгоҳи бодии иқтидораш 500 мегаватт ба истифода супурда шуд, лоиҳаи мазкур аз ҷониби ширкати Masdar татбиқ гардид.

Умуман бо иштироки ширкати мазкур тӯли солҳои охир дар мамлакати мо иншооти генератсияи энергияи электр бо иқтидори умумии 1,5 гигаватт ба истифода супурда шуданд.

Ба ҳарчи зудтар тайёр кардан ва татбиқ намудани лоиҳаҳои бузурги сармоявӣ дар соҳаҳои энергетика, нафту газ ва кимё, саноати истихроҷ, соҳаи таъминоти об, коркарди партовҳои маишӣ ва самтҳои дигар эътибори махсус дода шуд.

Муҳимияти идома додани робитаҳои пурмаҳсул дар тамоми дараҷаҳо ва тайёрии ҷиддӣ ба чорабиниҳои пешистодаи сатҳи олӣ таъкид карда шуд.

Дар вохӯрӣ бо раиси Шӯрои соҳибкорони саудияиву ӯзбекистонӣ, раиси ширкати ACWA Power Муҳаммад Абӯнайён масъалаҳои вусъат додани ҳамкории муфиди тарафайн бо ширкатҳои пешбари Арабистони Саудӣ баррасӣ гардиданд.

Роҳбари давлати мо рушди муттасили ҳамкориҳои пурмаҳсулро бо ACWA Power, ки сармоягузори стратегӣ дар соҳаи энергетикаи сабзи Ӯзбекистон ба шумор меравад, бо қаноатмандии амиқ таъкид намуд. То имрӯз 4 лоиҳа дар ҳаҷми тақрибан 3 миллиард доллар татбиқ шуданд, маҷмӯи маблағи лоиҳаҳои ҷорӣ 15 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Ғайр аз ин ҳамон рӯз маросими ба истифода супурдани як қатор лоиҳаҳои муштарак: ба шабакаҳо васл кардани ду истгоҳи барқиву обии иқтидори ҳар кадомаш 500 мегаватт дар вилояти Бухоро ба вуқӯъ пайваст, ҳамчунин ба сохтмони 2 истгоҳи электрии офтобии иқтидори умумиашон 1 гигаватт дар вилояти Самарқанд ва низоми захираи энергия дар ҳаҷми 334 мегаватт дар вилояти Тошканд оғоз бахшида шуд.

Дар ҷараёни мулоқот ба татбиқсозии лоиҳаҳои кооператсионӣ дар соҳаи бозсозии инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётиву коммуналӣ, рушди технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, саноати бофандагӣ, кишоварзӣ ва дигар самтҳои бартаринок эътибори махсус дода шуд.

Муҳимияти вусъат додани корҳо бобати ҷалби ширкатҳои пешқадами Саудӣ ба кишвари мо дар доираи фаъолияти муштараки Шӯрои соҳибкорӣ таъкид гардид.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев раиси ширкати туркии Aksa Enerji Ҷамил Казанчиро қабул кард.

Масъалаҳои рушди ҳамкориҳои муфиди тарафайн бо ширкати мазкур, нақшаҳои он бобати иштирокаш дар лоиҳаҳои вусъат додан ва бозсозии технологии соҳаи энергетикаи Ӯзбекистон муҳокима гардиданд.

Роҳбари давлати мо фаъолияти пурмаҳсули ширкати туркиро дар кишвари мо, ки якҷо бо он лоиҳаҳои сохтмони истгоҳҳои замонавии электрӣ дар вилоятҳои Тошканд ва Бухоро бо иқтидори умумии 740 мегаватт бомуваффақият татбиқ мегарданд, бо қаноатмандӣ зикр намуд. Маросими ба истифода супурдани истгоҳи нави электрии иқтидораш 400 мегаватт дар ноҳияи Нишони вилояти Қашқадарё ба амал омад.

Лоиҳаҳои пешомаднок дар соҳаи энергетикаи сабз, аз ҷумла бозсозии низомҳои газтақсимкунӣ, сохтмони истгоҳҳои гази биологӣ, таъминоти устувори энергетикии минтақаҳои сабз ва ғайра дар мутобиқат бо «харитаи амалиёт»-и дуҷониба баррасӣ шуданд.

**ӮзА.**

# БОБАТИ ПУРЗӮР НАМУДАНИ НИЗОМИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ТАШАББУСҲОИ НАВ ПЕШБАРӢ ШУДАНД

***13 декабр таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба баррасии натиҷаҳои кор дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва вазифаҳои афзалиятнок барои соли 2025 машварати видеоселекторӣ баргузор шуд.***

Ӯзбекистон давлати иҷтимоӣ аст. Дар пояи ин раванди конститутсионӣ низоми дастгирии иҷтимоӣ ва кӯмак ба аҳолӣ қаринтар мегардад. Дар тамоми минтақаҳо марказҳои «Инсон» кушода шудаанд, дар маҳаллаҳо бошад, 102 намуди хидмати иҷтимоӣ ҷорӣ гардидаанд. Кормандони иҷтимоӣ бевосита ба хонаҳо рафта, боз ба 95 ҳазор эҳтиёҷмандоне, ки пештар ба реестр ворид нашуда буданд, кумак расониданд. Ба 51 ҳазор нафар ногиронӣ муқаррар карда шуд, 26 ҳазор нафар протезаҳо гирифтанд. 4 ҳазор пирони танҳо маълум гардида, парастории онҳо дар манзилашон ба роҳ монда шуд. 5 ҳазор нафар кӯдакони ногиро ба кӯдакистон ва мактабҳо фаро гирифта шуданд.

Ба шарофати чунин корҳои шоиста миқдори муроҷиатҳо ба қабулхонаҳои халқӣ ва ҳокимиятҳо бинобар масъалаҳои хидмати иҷтимоӣ ва кумакрасонӣ 35 фоиз коҳиш ёфтанд.

Се моҳ муқаддам 14 ҳазор роҳбарони дараҷаҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ ба 75 ҳазор оилаҳои камтаъмин барои кори индивидуалӣ вобаста гардида буданд. Дар натиҷа 17 ҳазор нафар аз оилаҳои мазкур ба корҳои доимӣ пазируфта, даромади 14 ҳазор нафар аз ҳисоби соҳибкорӣ ва хоҷагиҳои шахсии ёрирасон зиёд гардид. 30 ҳазор нафар кӯдак бо кӯдакистонҳо, маҳфилҳо ва таълими касбӣ фаро гирифта, ба 45 ҳазор нафар эҳтиёҷманд кумакҳои тиббӣ расонида шуданд.

Вале дар баъзе маҳалҳо кор самарабахш ташкил карда нашудааст. Чунончи, 184 нафар роҳбарон аз хонаи оилаҳои камтаъмине, ки ба онҳо вобаста шуда буданд, боздид ба амал наовардаанд. Сатҳи бо шуғл фарогирии одамони маъюб ба ҳисоби миёна дар мамлакат ба 20 фоиз расид, вале дар ноҳияҳои Ҷалолқудуқ, Чимбой, Пастдарғам, Чортоқ ва Деҳнав ин нишондиҳанда хеле паст аст. Аз 598 иншооти иҷтимоие, ки ба барномаи сармоявии соли оянда дохил карда шудаанд, ягонтоаш барои одамони ногиро мувофиқу мутобиқ нестанд.

Дар ҷамъомад камбудиҳо баррасӣ ва чорабиниҳои минбаъда муҳокима гардиданд. Президент бобати таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ ташаббусҳои навро пешбарӣ намуд.

Таъкид гардид, ки барои дар соли оянда аз нодорӣ раҳо кардани 1,2 миллион нафар бояд масъалаҳои таълим, омодасозии касбӣ, тиббӣ ва беҳтар сохтани шароити ҳаёт ҳаллу фасл карда шаванд.

Мисолҳои ҳаллу фасли бомуваффақияти онҳо ҳаст. Чунончи, дар ноҳияҳои Тайлоқ ва Косонсой марказҳои рушди ибтидоӣ кушода шудаанд, ки дар онҳо 4,2 ҳазор кӯдакони оилаҳои камтаъмин ва бачагони ногиро таълими томактабӣ гирифтанд. Ба ҳокимони вилоятҳо супориш дода шуд, ки ин таҷрибаро омӯзанд ва дар ҳар як ноҳия ҷорӣ намоянд.

Ғайр аз ин, соли оянда дар ҳазор оилаи дараҷаи нодориаш баланд кӯдакистонҳои оилавӣ ба кор оғоз мекунанд. Аз соли нав 15 фоизи ҷойҳо дар чунин кӯдакистонҳо барои кӯдакони оилаҳои камтаъмин ҷудо гардида, як қисми пардохти кӯдакистон супорида мешавад.

Барои таълим додани бачагон аз оилаҳои камтаъмин имкониятҳои иловагӣ фароҳам мегарданд. 118 нафар ҷавонон забонҳои хориҷӣ, IT ва навгониҳои касбиро меомӯзанд. То 80 фоизи харҷҳои волидайн барои ин маҳфилҳо аз буҷа пардохта хоҳад шуд. Соли 2025-ум 3,5 ҳазор чунин ҷавонон ба мактабҳои олӣ дар пояи грант дохил мегарданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# 18 ИНШООТИ НАВИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУДАНД, СОХТМОНИ БОЗ 6 ИҚТИДОР ОҒОЗ ЁФТ

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Ғайр аз ин дар вилоятҳои Фарғона, Самарқанд, Навоӣ, Тошканд ва шаҳри Тошканд сохтмони 6 иншооти энергетикии иқтидори умумиашон 2,5 гигаватт оғоз ёфтанд.

Ин лоиҳаҳои нав имкон медиҳанд, ки солҳои наздиктарин барилова 9,5 миллиард киловатт-соат энергияи электрӣ истеҳсол гардад, 2,5 миллиард метри мукааб гази табиӣ сарфа ва 4,6 миллион тонна партови газҳои зараровар пешгирӣ карда шаванд.

Аз ҳама муҳимаш зиёда аз 4 миллион хоҷагиҳои манзилӣ бо энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва мунтазам таъмин карда мешаванд.

Ин ҳамчунин барои фароҳам овардани арзиши иловагӣ дар ҳаҷми 4 миллиард доллар ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт имкон медиҳад.

Умуман тӯли соли 2025-ум дар кишвари мо 84 миллиард киловатт-соат энергияи электр истеҳсол мешавад, ки нисбати соли 2016-ум 25 миллиард киловатт-соат ё худ 1,5 баробар зиёд аст.

Президент Шавкат Мирзиёев дар маросим ба сухан баромада таъкид намуд, ки тамоми ин лоиҳаҳо аз ҳисоби сармояҳои бевоситаи хориҷӣ татбиқ мегарданд.

Ба ширкатҳо аз Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Туркия, Чин ва Олмон, ҳамчунин идораҳои байналхалқӣ, аз ҷумла Бонки рушди осиёӣ, Бонки сармояҳои инфрасохтории Осиё, Бонки рушди исломӣ, Бонки таҷдид ва рушди Аврупо, Бонки умумиҷаҳонӣ барои ҳамкории пурмаҳсулашон миннатдорӣ изҳор карда шуд.

Ба шарофати дастёбии рӯшод ба сектори хусусӣ тӯли панҷ соли охир дар соҳаи энергетикаи Ӯзбекистон тақрибан 20 миллиард доллар сармояҳои бевоситаи хориҷӣ ҷалб карда шуданд.

Дар соҳае, ки пештар танҳо давлат иштирок дошт, 24 истеҳсолгарони мустақили энергетикӣ ба кор шурӯъ карданд.

Аз ҷумла, дар сектори «энергетикаи сабз» истгоҳҳои бузурги электрии офтобӣ ва бодии иқтидори умумиашон 3,5 ҳазор мегаватт, ки ба 10 миллиард киловатт-соат баробар аст, ба истифода супурда шуданд. Ин имкон дод саҳми «энергияи сабз» дар низоми энергетикӣ то 16 фоиз зиёд гардад.

Тавре ки маълум аст, соли гузашта маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат бори аввал ба нишондиҳандаи таърихии 100 миллиард доллар расид. Дар соли 2030-юм иқтисодиёти Ӯзбекистон бояд то ба 200 миллиард доллар зиёд гардад.

Ин талаботро ба энергияи электр дар тӯли панҷ соли минбаъда 1,5 баробар зиёд мекунад. Ғайр аз ин, дар доираи Муоҳидаи Париж то соли 2030-юм 35 фоиз коҳиш додани партовҳои гази зараровар ба нақша гирифта шудааст.

Президент самтҳои бартариноки корро дар соҳаи энергетика мушаххас намуд.

Якум, то соли 2030-юм барилова «иқтидорҳои сабз» дар ҳаҷми 19 ҳазор мегаватт бунёд карда мешаванд, саҳми энергияи нав то 54 фоиз зиёд мегардад. Аллакай дар соли 2025-ум ба истифода супурдани 18 истгоҳи офтобиву бодии иқтидорашон 3,4 ҳазор мегаватт, ҳамчунин низоми захираи энергияи иқтидораш 1,8 ҳазор мегаватт пешбинӣ шудааст. Ин ҳаҷми истеҳсоли «энергияи сабз»-ро дар соли оянда то 12 миллиард киловатт-соат зиёд мекунад. Ҳамчунин дар тӯли ду сол якҷо бо шарикони хусусӣ барномаи васеъмиқёс бобати бунёди зиёда аз 2 ҳазор истгоҳҳои хурд ва кучаки гидроэлектрӣ татбиқ карда хоҳанд шуд.

Дуюм, озодкунии бозори энергияи электр идома меёбад. То охири соли оянда бунёди бозори рақобатбардори умумии энергияи электрӣ ба нақша гирифта шудааст. Шарикии давлативу хусусӣ дар соҳаи тақсими энергия низ ҷорӣ карда хоҳад шуд, барои бозсозии шабакаҳо 4 миллиард доллар сармоя ҷалб карда мешавад. Дар вилояти Самарқанд лоиҳаи аввалини ба сектори хусусӣ додани идораи шабакаҳои минтақавии электрӣ андешида шуд, тендери байналхалқӣ эълон гардид.

Сеюм, вусъат додани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи «энергетикаи сабз» ба нақша гирифта шудааст. Дар доираи COP-29 муоҳидаҳо бо Қазоқистон, Озарбойҷон ва Арабистони Саудӣ дар бораи содироти муштараки «энергияи сабз» ба Аврупо имзо шуданд. Якҷо бо кишварҳои ҳамсоя платформаи ягона барои таъмин кардани низоми муттасили энергетикии минтақавӣ ба роҳ монда шуд.

Осиёи Марказӣ барои истеҳсоли энергияи электр аз захираҳои табиӣ, аз ҷумла аз офтоб, бод ва об имкониятҳои бузург дорад. Дар самти мазкур якҷо бо давлатҳои ҳамсоя бобати таъмин сохтани эътидоли низоми энергетикии минтақа платформаи ягона созмон дода хоҳад шуд.

Чаҳорум, рушди «энергетикаи сабз» ба сифати муҳаррики нав барои секторҳои дигари иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ пешбинӣ гаштааст.

Аллакай панелҳои офтобии иқтидори умумиашон 1 ҳазор мегаватт устувор карда шуданд, ки имкон медиҳад ҳар сол 1,5 миллиард киловатт-соат энергияи электр истеҳсол карда шавад. Дастгирии ташаббусҳои «сабз» бо ҷорӣ намудани таълимоти дуалӣ барои тайёр кардани мутахассисон идома меёбад.

– Воқеаи имрӯза дар таърихи энергетикаи кишвари мо саҳифаи навро боз мекунад. Лоиҳаҳои мазкур нафақат рушди иқтисодиро таъмин мекунанд, балки боз барои ворисони мо ояндаи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва устуворро фароҳам меоваранд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар маросим вазири энергетика ва инфрасохтори Аморати Муттаҳидаи Араб Суҳайл бин Муҳаммад ал-Мазруӣ, вазири энергетика ва захираҳои табиии Ҷумҳурии Туркия Алпарслон Байрактар ва вазири энергетикаи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ шоҳзода Абдулазиз бин Салмон Ал Сауд суханронӣ карданд.

Президент Шавкат Мирзиёев воситаи рамзии пайвандкуниро пахш карда, ба кори 18 иншооти энергетикӣ ва сохтмони 6 лоиҳаи нав оғоз бахшид.

**ӮзА.**

# БОБАТИ ПУРЗӮР НАМУДАНИ НИЗОМИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ТАШАББУСҲОИ НАВ ПЕШБАРӢ ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Ба 23 ҳазор нафар аз оилаҳои камтаъмин, ки мустақилона ҳаракат карда наметавонанд, падару модарон, ҳамсарон ё худ фарзандонашон нигоҳубин мекунанд. Аз моҳи январи соли 2025-ум барои 19 ҳазор нафари онҳо парасторӣ дар хона, барои 4 ҳазор нафари дигар бошад, нигоҳубини рӯзона ташкил карда хоҳад шуд. Ин имкон медиҳад, ки 15 ҳазор нафаре, ки пештар ба онҳо нигоҳубин мекарданд, бо фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд. Давлат 80 фоизи хароҷоти сектори хусусиро, ки барои хидматҳои парасторӣ пешниҳод мешаванд, сарпур месозад. Ин ташаббус нахуст дар шаҳри Тошканд, то охири сол бошад, дар тамоми вилоятҳо татбиқ карда мешавад.

460 нафар аз ҷумлаи оилаҳои камтаъмин ба кумакҳои тиббӣ, 6 ҳазор оила ба беҳтар кардани шароити манзил эҳтиёҷ доранд. Соли оянда ба фонди суғуртаи тиббӣ барилова 185 миллиард сӯм барои пардохти ҷароҳиҳо нисбати ниёзмандон ҷудо карда хоҳад шуд. Маблағҳо аз «Дафтарҳои иҷтимоӣ» танҳо барои беҳтар кардани шароити манзили оилаҳои камтаъмин ва зиёд кардани даромади онҳо сарф мегарданд.

Ҳоли ҳозир барои гирифтани хидматҳои иҷтимоӣ ва кумакҳо ба шаҳрвандон зарур меояд, ки беш аз 10 ҳуҷҷати гуногунро пешниҳод кунанд. Минбаъд ҳамаи онҳо ба картаи ягонаи иҷтимоӣ иваз карда мешаванд. Бо кумаки карта метавон аз нақлиёти ҷамъиятӣ ройгон истифода бурд, ҳамчунин барои пардохти энергияи барқ, газ ва таълим кумакпулӣ гирифт. Кумакпулӣ ва ёрдамҳои иҷтимоӣ низ ба картаи мазкур меафтанд. Ин низом дар Тошканд ва ноҳияи Янгийӯл то 1 июл аз санҷиш гузашта, сипас дар ҳама ҷо ҷорӣ карда хоҳад шуд.

Дар машварат ҳамчунин масъалаҳои дастгирӣ намудани шахсони имконияташон маҳдуд баррасӣ шуданд. Дараҷаи истифодаи он дар 33 ноҳия хеле паст мебошад. Супориш дода шуд, ки дар ҳар як беморхонаи вилоятӣ ва ноҳиявӣ хидматҳои реабилитатсионӣ ташкил карда шаванд. Бо маблағ таъмин кардани хидматҳои эрготерапия, физиотерапия ва гимнастикаи табобатӣ дар 12 маркази реабилитатсионӣ 5 карат зиёд карда хоҳад шуд. Соли оянда ба рӯйхат илова кардани боз 7 намуди маблағ ба нақша гирифта шудааст, ки талаботи 80 ҳазор нафарро таъмин мекунад.

Ба шарофати имкониятҳои фароҳамгардида соли равон соҳибкорон 40 ҳазор нафар шахсони маъюбро бо кор таъмин карданд. Аз моҳи январ барои чунин корхонаҳо миқдори андози иҷтимоӣ 1 фоизро ташкил хоҳад кард. Ҳамчунин ба корхонаҳо имконияти то ба 50 миллион сӯм барои хидмати сурдотарҷумонҳо, рӯҳшиносон ва роҳбаладони кормандони нобино ҷудо кардани субсидия пешниҳод карда мешавад. Оҷонсиҳои хусусии шуғл, ки шахсони маъюбро таълим медиҳанд ва бо кор таъмин мекунанд, метавонанд то ба 500 миллион сӯм грант гиранд. Ин имкон медиҳад боз 80 ҳазор нафари имкониятҳояшон маҳдуд бо кор таъмин карда шаванд.

Ҳатто одамони зиёде, ки дар вазъи душвор мондаанд, барои худ неруву ғайрат пайдо мекунанд, то ки ҳаёташонро тағйир диҳанд ва барои дигарон намунаи ибрат гарданд. Зарурияти аз хусуси қаҳрамонии чунин шахсиятҳои диловар ба навор бардоштани филмҳои мустанад ва бадеӣ таъкид карда шуд.

Дар олам зиёда аз 100 намуди варзиш мавҷуданд, ки барои маъюбон мувофиқ мебошанд. Вале дар мамлакати мо танҳо бинобар 22 навъи онҳо хулосаи тиббӣ дода мешавад.

Рӯйхати навъҳои тавсияшавандаи варзиш барои маъюбон дар пояи меъёрҳои байналхалқӣ вусъат пайдо мекунад. Мувофиқат кардани онҳо ба ин ё он навъи варзиш вобаста ба бемориашон ба тарзи автоматӣ муайян карда мешавад. Маоши мураббиёни варзиш дар самти мазкур аз 1 январ 1,5 баробар зиёд карда хоҳад шуд. Майдони 130 мактаби варзишӣ, 90 муассисаи махсуси таълимӣ ва 29 хона-интернати «Мурувват» дар минтақаҳо барои машғулот бо намудҳои зарурии варзиш мувофиқ кунонида мешаванд.

Ба шахсони масъул супурда шуд, ки соли оянда фарогириро бо варзиши зарурӣ то ба 45 ҳазор нафар, яъне 1,6 баробар зиёд кунанд.

Ҳамчунин ба масъалаҳои таълими бачагони маъюб эътибори махсус дода шуд. Бо ин мақсад дар ҳар кадом ноҳия як адад боғчаи бачагона интихоб ва дар онҳо гурӯҳҳои инклюзивӣ кушода мешаванд. Ҷорӣ намудани низоми пардохти 75 фоизи хароҷоти нақлиёт барои бачагони имконияти ҷисмониашон маҳдуд ба нақша гирифта шудааст. То 1 сентябр дар 954 мактаб синфхонаҳои инклюзивӣ ташкил карда мешаванд, ки барои таълими боз 1800 бачагони маъюб шароит фароҳам меоварад.

Соли равон 300 нафар бачагони хонаҳои «Меҳрубонлик» ва муассисаҳои махсуси таълимӣ ба муҳити оила баргаштанд. Муҳимияти ба шахсони масъул вобаста кардани боз 500 нафар бачагон ва ба хонаҳои бачагонаи оилавию мактабҳо ҷойгир кардани онҳо таъкид гардид.

Дар ҷараёни машварат масъалаҳои дигаре, ки бо татбиқ намудани чораҳои пешбинишуда алоқаманд мебошанд, баррасӣ гардида, пешниҳоди мутахассисони соҳаи иҷтимоӣ шунида шуданд.

**ӮзА.**

*Дар мавзӯи муҳими рӯз*

# ТАЪСИРИ ПСИХОЛОГИИ ПИРОТЕХНИКА БА САЛОМАТӢ

***Доимо дар ҷашну чорабиниҳо, бахусус, бо фаро расидани Соли нави милодӣ садои маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) дар кӯчаву хиёбонҳо бештар шунида мешавад. Вазифаи асосии чунин мавод ҷалби таваҷҷуҳ, баланд бардоштани рӯҳия ва эҷоди таассуроти эмотсионалӣ мебошад. Маводи тарфгарӣ тавассути рӯшноӣ ва садои худ ба эҳсосоти инсон таъсир мерасонад ва ин метавонад ба натиҷаҳои мусбӣ ё манфии равонӣ бирасонад.***

Вақте таъсири маводи тарфгариро ба психология, ҳолати эмотсионалӣ, саломатии ҷисмонии инсон таҳлил мекунем, аён мегардад, ки воситаҳои пиротехникӣ на танҳо боиси барҳам задани оромии шаҳрвандон, балки сабабгори гирифтории инсонҳо ба бемориҳои гуногун мегарданд.

Дуруст, ки маводи тарфгарӣ тавассути нури дурахшон, садо ва рангу ҷилоҳои худ ба ҳолати эмотсионалии одамон таъсир расонда, кайфиятро болида месозанд, ба онҳо шодмонии ғайричашмдошт, ҳайрат ва хушбахтӣ мебахшанд. Аммо таркиши онҳо хавфу хатарро низ ба вуҷуд меоварад, ки ба саломатӣ таъсири манфӣ доранд. Садои ногаҳонию баланди маводи тарфгарӣ метавонад боиси осеб дидани садопардаҳои гӯш, баландшавии фишори хун, хастагӣ, стресс, бехобӣ, тарсу ваҳм, баландшавии сатҳи холестерин ва ҳатто тез-тез задани дил гардад. Чунин таъсирот бештар дар одамони миёнсол ва пиронсол, кӯдакон ва махсусан нафароне, ки аз асабоният ё психотравма азоб мекашанд, мушоҳида мешавад. Тадқиқотҳои равоншиносӣ нишон медиҳанд, ки чунин садоҳо, махсусан таркишҳо, дар баъзе одамон аксуламалҳои осебпазирро ба вуҷуд меоранд.

Бояд гуфт, ки дар таркиби маводи тарфгарӣ нитрати калий, перхлорати калий, хокаи ангиштсанг, сулфур, алюминий, оҳан, сурма, барий, магний, стронсий, қурғошим ва хром мавҷуд аст. Ҳангоми ба кор даровардани он сулфур (олтингӯгирд) ва хокаи ангиштсанг оташ гирифта, бо таъсири туршсозанда металлҳои ранга ҷило медиҳанд.

Дар натиҷа, ба фазои атроф дуди заҳрноки оксиди нитроген, оксиди сулфур, оксиди металл, микрозаррачаҳо ва пайвастагиҳои органикии нимсӯхта паҳн мешаванд. Бо таъсири чунин дудҳои заҳрнок бемориҳои роҳи нафас, шуш ва дил авҷ мегиранд.

Инчунин, дуди маводи тарфгарӣ вазнин буда, муддати дароз дар фазо муаллақ мемонад. Нафаскашӣ аз он ба одамону ҳайвонот ва паррандаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Баъди таҳшин шудани пасмондаи дуди маводи тарфгарӣ заҳри онҳо ба хок ва об низ мерасад.

Дар натиҷа, бо таъсири заҳри металлҳои вазнин ба ашхоси дар ҳудуди таркиши маводи тарфгарӣ қарордошта дилбеҳузурӣ, диққи нафас (астма), бемориҳои гурда, намудҳои гуногуни саратон таҳдид мекунад.

Ғайр аз ин, маводи тарфгарӣ ба кӯдакон низ таъсири психологӣ дорад. Аксар бачаҳо оташак, садо ва ҷилою рангҳои чунин воситаҳоро бо шавқу ҳаваси зиёд қабул мекунанд. Бо вуҷуди ин, садои баланд ва паҳншавии ғайрисистемавии онҳо метавонад боиси тарсу ҳарос, андӯҳи шадид ва стресс дар баъзе кӯдакон гардад. Агар чораҳои бехатарӣ риоя нашаванд, дар наврасон бо эҳтимоли калон бемориҳои доимии психосоматикӣ, вайроншавии хоб ва изтироб мушоҳида мешавад.

Илова бар ин, истифодаи маводи тарфгарӣ ба муносибати онҳо бо ашхоси дигар низ таъсир мерасонад. Яъне агар кӯдак таркиши воситаҳои пиротехникиро хурсандона қабул кунад ӯ метавонад аз садои он шод шавад, лаззат бибарад ва дар ҷашнҳо бо кайфияти болида иштирок намояд. Аммо агар бача аз оташбозӣ битарсад, ин мумкин аст, ки ба ҷомеашиносӣ ва кайфияти онҳо таъсири манфӣ расонад.

Истифодаи маводи тарфгарӣ дар ҷашнҳо ва рӯйдодҳои муҳим таъсири иҷтимоӣ низ дорад. Онҳо одамонро ба истироҳат ва ҳамҷиҳатӣ водор мекунанд, ҳамзамон ба ҳамбастагӣ ва муносибатҳои иҷтимоии онҳо таъсир мерасонанд. Худ одатан, воситаҳои пиротехникӣ барои баланд бардоштани рӯҳияи одамон ва як гурӯҳи иҷтимоӣ истифода мешавад. Аммо ба таври ғайричашмдошт ё бидуни чораҳои бехатарӣ истифода намудани онҳо метавонад боиси изтироб ва ноумедии баъзе одамон гардад ва дар муносибатҳо мушкилотро ба миён оварад.

Хулоса, маводи тарфгарӣ тавассути чанд омил ба ҳаёти инсон таъсири мусбӣ ё манфии равонӣ расонида, аз хоҳиши шахс, синну сол, ҳолати рӯҳӣ ва муҳити иҷтимоӣ вобаста аст. Риояи чораҳои эҳтиётӣ ва бехатарӣ ҳангоми истифодаи воситаҳои пиротехникӣ бошад, барои камтар намудани таъсири манфии онҳо ва эҷоди таассуроти мусбӣ мусоидат мекунад.

**Розия НАМОЗОВА,**
**омӯзгори кафедраи психологияи Донишкадаи педагогии Ӯзбекистон – Финландия.**

*Моҳонаи бехатарӣ аз сӯхтор*

# ҲАМ НЕЪМАТ, ҲАМ ОФАТ

Маълум аст, ки файласуфон асоси пайдоиши оламро аз чор унсур: обу бод, хоку оташ донистаанд. Табиист, ки ҳаётро бидуни яке аз рукнҳои муҳимтарин, аз ҷумла аз оташ – тасаввур кардан муҳол аст. Вай аз ҷумлаи неъматҳои олии зиндагист. Айни замон, агар беэътиборӣ, лоқайдӣ, беparвоӣ зоҳир гардад, он ба офати даҳшатовар низ бадал мегардад. Мардум оташро беҳуда хасми безабон нагуфтаанд. Аз ин офат нафақат аҳолӣ, ташкилоту муассиса, корхонаҳои саноатӣ низ наметавонанд дар канор бошанд. Сӯхтор танҳо зарари моддӣ намерасонад, балки боз ба ҳаёти инсон низ таҳдид мекунад.

Аз ин рӯ чораю тадбирҳои зарурӣ андешидан, эҳтиёткорӣ кардан лозим аст, то ҳодисаҳои нохуш пешгирӣ карда шаванд. Мувофиқи фармоиши рақами 302-юми маъмурияти Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Корхонаи коркарди нафти Бухоро» аз 8 ноябри соли ҷорӣ дар завод ва ҳамаи иншооти он бо мақсади таъмин кардани бехатарии сӯхтор ва табъи дил гузарондани «Моҳонаи бехатарии сӯхтор» чораҳои зарурии эҳтиётӣ дида шудаанд. Дар ҳамаи сех ва шуъбаҳои завод, аз ҷумла дар шуъбаи экология, ҳифзи муҳити атроф бо ташаббуси роҳбарон ва кормандони хидмати бехатарии сӯхтор байни коргарону хидматчиён бобати қатъиян риоя кардан ба қоидаҳои бехатарии сӯхтор дар коргоҳу манзилҳои зист ҷараёни корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ давом доранд. Аз ҷумла, ба кормандони завод оқибатҳои бад доштани сигоркашӣ, истифода аз оташ, истифода аз қубурҳои оби гарм бо мақсади хушк кардани либос дар ҳудуд ва коргоҳ ва ғайра маънидод мешаванд. Ҳангоми ба вуқӯъ омадани сӯхтор фавран ба рақамҳои 01, 3001, 7001, 446 ба хидмати бехатарии сӯхтор хабар додан, инчунин истифода аз оташкушак ва воситаҳои дигари оташхомӯшкуниро ҳоло аксарияти кормандони завод медонанд. Баробари ин ба онҳо оид ба истифода набурдани рӯдаи резинӣ дар таҷҳизоти газ ва бисёр дигар маслиҳату тавсияҳо дода шудаанд. Ҳоло фасли зимистон фаро расида бошад ҳам, дар гирду атроф барги хазон ҳаст. Кормандони шуъбаҳои ободгардонӣ дар шаҳру ноҳияҳо бо ғундошта гирифтани онҳо машғуланд. Фаромӯш набояд кард, ки дар ҳавои кушод оташ зада сӯзондани онҳо аз як тараф боиси ба гирду атроф паҳн гаштани газҳои заҳрдор гардад, аз тарафи дигар сабаби ҳар гуна сӯхтор шуда метавонад. Аз ин рӯ сӯхтани хазон мумкин нест. Илм исбот кардааст, ки дар натиҷаи оташзанӣ ба коҳ ва хазон дар 5 сантиметри қишри замин (хок) миқдори зиёди моддаҳои органикӣ, аз ҷумла гумус (қабати ҳосилхез) маҳдуд мегардад. Ҳамин тариқ таркиби хок вайрон шуда, ҷараёни ба азот таъминшавии ҳосил – растанӣ аз байн меравад. Аз ҳамин сабаб аз хазонсӯзӣ худдорӣ карда, онро дар ҷое 3-4 моҳ гӯронда, баъди ба пору табдил ёфтанаш чун озуқаи киштзор истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Хулоса, инсоният аз қадимулайём аз оташ баҳри мақсадҳои худ самаранок истифода мебарад. Имрӯз низ бар ивази истифодаи оқилона аз он сатҳи зиндагӣ ва маданияти одамон боло меравад. Вале набояд фаромӯш кунем, ки риояи қатъии истифода аз оташ рӯзгорамонро ободу осуда, ҳаётамонро бехавфу хатар мекунад.

**Мадинабону РАСУЛОВА,**
**таҳлилгари кимиёвии сехи 13-уми Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Корхонаи коркарди нафти Бухоро».**

*Минбари шифокор*

# АФЗАЛИЯТИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ЧИСТ?

***Бо ташаббуси Сарвари давлатамон дар соҳаи нигаҳдории тандурустии аҳолии ҷумҳурӣ боз як иқдоми нек – суғуртаи тиббӣ ҷорӣ шуд, ки аз 1-уми январи соли 2025 дар вилояти Самарқанд низ амалӣ мешавад.***



Ин намуди ҳифзи саломатии инсон дар вилояти Сирдарё дар тӯли се сол аз таҷриба гузашт.

Суғуртаи тиббӣ чист ва чӣ гуна афзалият дорад?

Бояд гуфт, ки суғуртаи тиббӣ дар кишварҳои хориҷӣ маъмул буда, дар Ӯзбекистони Нав акнун доман паҳн мекунад. Дар урфият мегӯянд, ки тани гарм бе дард намешавад. Бинобар ин мо ба маслиҳату назорати шифокор муҳтоҷ ҳастем.

Афзалиятҳои суғуртаи тиббӣ дар он аст, ки кас дар тамоми қаламрави Ӯзбекистон кафолату ҳуқуқи бепул табобат ёфтан дорад. Барои он дар поликлиникаи оилавӣ музди муайяне супурда, аз табиби шахсӣ роҳхат гирифта, дар шифохонаи давлатии дилхоҳ ба ташхису табобат имконият пайдо мекунад.

Боиси хушнудист, ки шахсони ногиро, иштирокчиёни ҷанги Афғонистон, чернобилчиён, шахсони ордену унвон дошта ба тарзи имтиёзнок соҳиби суғуртаи тиббӣ хоҳанд шуд.

Поликлиникаи оилавии мо дар шоҳроҳи Спитамен ҷойгир буда, ба панҷ маҳаллаи гирду атрофи худ – Ватанпарвар, Ҳунарманд, Ҳазора, Дӯстлик ва Боғисаро хидмат мерасонад. Беш аз 30 нафар шифокорон ва қариб 80 нафар ҳамшираҳои шафқат дар атрофи беморону корафтодагон парвона.

**Беҳзод БОТУРОВ,**
**сартабиби поликлиникаи оилавии рақами 9-уми шаҳри Самарқанд.**

# БИНОИ НАВ БА МАКТАБИ МАҲАЛЛАИ КАЛОН

***Ғиждувон калонтарин ноҳияи вилояти Бухоро буда, байни ҳудудҳо аҳолиаш низ аз ҳама зиёд аст. Ин ноҳия 75-то маҳалла дорад.***

Мактаби миёнаи таҳсилоти умумии рақами 24 дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Калон» воқеъ гардида, биноии таълимгоҳ, ки дар солҳои 70-уми асри гузашта бунёд шудааст, барои 420 нафар талаба пешбинӣ гашта буд. То ҳол 800 нафар хонандагони ин даргоҳ дар ду навбат таълиму тарбия мегирифтанд.

Бо назардошти мурооҷиатҳои аҳолӣ дар ин ҷо дар доираи барномаи маблағгузорӣ дар муддати кӯтоҳ биноии иловагии чорошёна барои 600 нафар талаба қад боло кард. Онро бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бухара новострой» сохта, ба фаъолият омода карданд. Ин биноии замонавӣ дорои ҳама гуна имкониятҳо буда, барои камолоти наврасон хидмат мекунад.

Ҳангоми кушодашавии бино лентаи рамзӣ бурида, иштироккунандагони маросим вориди биноии нави мактаб шуданд ва бо як олам хушнудӣ аз шароити он огоҳ гардиданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Дар мавзўи муҳим*

# ТАЪЛИМ ДАР КЎДАКИСТОНҲО БО ЧАНД ЗАБОН АСТ?

***«Ўзбекистони Нав аз остонаи мактаб сар мешавад!» Таҳти чунин ғояи накў, ки аз тарафи Сарвари давлат пешбарӣ шудааст, дар соҳаи таълим ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ мегардад. Дар ин раванд ба масъалаи фарогирии кўдакон бо таълими томактабӣ низ эътибори алоҳида медиҳанд.***



Бояд гуфт, ки чанде пеш Президент Шавкат Мирзиёев дар суханронии худ дар ҷамъомади Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис бахшида ба ин масъала, яъне баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи ҷавонони ҳамаҷониба комил таваҷҷуҳ намуд.

«Дар солҳои оянда Ҳукумат вазифадор аст, ки сатҳи фарогирии кўдакистонҳоро то 80 фоиз ва муассисаҳои таълими олиро ҳадди ақал то 50 фоиз расонад. Бо истифода аз 61 миллион доллари ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, дар соли 2025 сохтмони 252 кўдакистони нав ба нақша гирифта шудааст. Ҳамчунин, 174 кўдакистон ва 379 мактаб таъмир ва аз нав сохта мешаванд. Барои ин мақсадҳо 4 триллион сўм аз буҷет ҷудо мешавад», гуфт Сарвари давлат, ки аз ғамхорӣ ва эътибори махсуси ҳукумат ба соҳаи маориф далолат медиҳад.

Воқеан, мактаб манбаи асосии дониш ва таҷриба мебошад, ки маҳз дар ин даргоҳи муқаддас бунёдгузорони Ўзбекистони Нав ба камол мерасанд. Марҳилаи аввалини таълиму тарбия бошад, аз кўдакистонҳо оғоз меёбад. Аз ин рў, масъалаи бунёди боғчаҳои замонавӣ, муҳайё кардани шароити зарурӣ дар онҳо ва афзунсозии фарогирии хурдсолон бо таълими томактабӣ дар сатҳи сиёсати давлатӣ қарор дорад.

Ин буд, ки мо аз рўйи чанд масъалаи марбут ба таълими томактабӣ ба Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ бо чунин мазмун хат фиристодем: «Имрўз дар мамлакати мо бо мақсади такмил додани системаи таълими томактабӣ, ки бахши муҳими низоми таълими пайвастаи умумӣ мебошад, инчунин, васеъсозии шабакаи муассисаҳои таълими томактабӣ, таъмини онҳо бо кадрҳои ботаҷриба, роҳандозии барнома ва технологияҳои муосир дар раванди таълиму тарбия, ки барои рушди ҳаматарафаи кўдакон мусоидат мекунанд, ба куллӣ баланд бардоштани сатҳи омодагии онҳо ба мактаб як қатор корҳо амалӣ мегарданд.

Барои донишандўзӣ, рушди зеҳнӣ, маънавӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии бачагон баробари маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеӣ, забони таълим низ аҳамияти калон дорад.

Тавре маълум аст, ҳоло дар мактабҳои ҳамагонии мамлакатамон раванди таълим бо 7 забон амалӣ мегардад. Аз ин рў, ба мо аз минтақаҳои гуногуни мамлакатамон вобаста ба системаи таълими томактабӣ, раванди таълим ва аз рўйи масъалаҳои дигар мурочиатҳо дастрас мегарданд. Мо ин мурочиатҳоро умумӣ карда, аз Шумо оид ба масъалаҳои зерин, дар асоси мисолҳо (маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеӣ, ки тақдим шудаанд, ном ва адади онҳо) мехоҳем маълумоти пурра диҳед:

1. Дар ташкилотҳои таълими томактабии қаламрави ҷумҳурӣ раванди таълим ва тарбия бо кадом забонҳо амалӣ мегардад?

2. Дар бораи ташкилотҳои таълими томактабии мамлакат, ки бо забонҳои бародарӣ фаъолият пеш мебаранд, маълумот диҳед…

3. Дар ташкилотҳои таълими томактабие, ки бо забонҳои бародарӣ фаъолият доранд, чӣ қадар кўдакон фаро гирифта шудаанд (аз рўйи забонҳо ва теъдоди кўдакони фарогирифта)?

4. Забони таълим ва тарбияи ташкилотҳои таълими томактабӣ дар асоси кадом меъёрҳо муқаррар мегардад?

5. То ҳол бобати бо маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеӣ (дар забони модарии онҳо) таъмин кардани ташкилотҳои таълими томактабии мамлакат, ки бо забонҳои бародарӣ фаъолият пеш мебаранд, чӣ гуна корҳо амалӣ гардиданд?»

Ба ин хати мо аз номи ҷонишини вазири Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ Ф.Боқиев ҷавоб омад.

Дар иловаи хат чун ҷавоб ба се саволи аввал таъкид гардидааст, ки дар мамлакат 38233 ташкилоти таълими томактабӣ (6891 ташкилоти таълими томактабии давлатӣ ва 31342 кўдакистони ғайридавлатӣ) фаъолият дорад ва дар онҳо 2289900 нафар кўдакони синни томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Дар ин кўдакистонҳо ҷараёни таълим ва тарбия бо ўзбекӣ, русӣ, қароқалпоқӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва дигар забонҳо роҳандозӣ шуда, дар гурўҳҳои ўзбекӣ – 2130207 нафар, қароқалпоқӣ – 6258 нафар, тоҷикӣ – 249 нафар, қазоқӣ – 177 нафар, қирғизӣ – 116 нафар ва дар гурўҳҳое, ки таълим бо дигар забонҳост 16433 нафар фаро гирифта шудаанд. Мувофиқи маълумоти вазорат дар ташкилотҳои таълими томактабии Қароқалпоқистон 80560 нафар дар гурўҳҳои қароқалпоқӣ, 131 нафар қазоқӣ ва 56 нафар қирғизӣ, инчунин, дар вилояти Самарқанд 46 нафар бо қазоқӣ ва дар кўдакистонҳои вилояти Навоӣ 60 нафар дар гурўҳҳои забони қирғизӣ фаро гирифта шудаанд. Дар ташкилотҳои таълими томактабии вилоятҳои Бухоро, Ҷиззах, Самарқанд ва Сурхондарё мутаносибан 140, 30, 42 ва 37 нафар кўдакон дар гурўҳҳои тоҷикӣ таълиму тарбия мегиранд.

Дар ҳамин маврид мехостем маълумоти дигареро баён кунем. Аз рўйи маълумоте, ки аз ин ду сол муқаддам, дақиқтараш, 18 октябри соли 2022 ҷонишини вазири вақти Вазорати таълими томактабӣ У.Бегимкулов (ҳоло фаъолияти ин вазорат қатъ гардида, ташкилотҳои сохтори ташкилии он дар ихтиёри Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ аст) роҷеъ ба забони таълиму тарбия дар кўдакистонҳо, ташкилотҳои таълими томактабие, ки бо забонҳои бародарӣ фаъолият доранд ва фарогирии кўдакон дар онҳо тақдим кардааст ва мо дар даст дорем, чунин маълумот дарҷ гардидааст: «Дар мамлакат ташкилоти таълими томактабии алоҳида, ки бо забонҳои бародарӣ фаъолият мебарад, вуҷуд надорад. Дар кўдакистонҳо танҳо гурўҳҳо мавҷуданд, ки дар онҳо раванди таълиму тарбия бо забонҳои ўзбекӣ, русӣ, қароқалпоқӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва туркманӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, 2459 гурўҳ бо забони қароқалпоқӣ амал карда, дар онҳо 59709 нафар кўдакон фаро гирифта шудаанд. Инчунин, дар ҷумҳурӣ дар 12 гурўҳ 338 нафар бо забони тоҷикӣ ва дар 107 гурўҳ 2337 нафар кўдакон бо забони қазоқӣ таълиму тарбия мегиранд. Гурўҳҳо бо забонҳои қирғизӣ ва туркманӣ вуҷуд надоранд».

Нуктаи дигаре, ки дар ин маълумот таваҷҷуҳи моро ҷалб кард, теъдоди гурўҳҳо бо забонҳои бародарӣ ва шумораи бачагони онҳо буд. Мувофиқи маълумоти қаблӣ дар вилояти Ҷиззах 180 нафар (6 гурўҳ), дар вилояти Сурхондарё 138 нафар (5 гурўҳ) ва дар вилояти Сирдарё 20 нафар (1 гурўҳ) кўдакон дар гурўҳҳои тоҷикӣ фаро гирифта шудаанд. 1075 нафар бачагон дар кўдакистонҳои Қароқалпоқистон (49 гурўҳ), 141 нафар дар вилояти Бухоро (8 гурўҳ) ва 1121 нафар дар ташкилотҳои таълими томактабии вилояти Навоӣ (50 гурўҳ) бо забони қазоқӣ таълиму тарбия мегиранд.

Вақте ин маълумотҳоро, ки масъулон дар солҳои 2022 ва 2024 пешниҳод карданд, муқоиса мекунем, номутаносибие ошкор мешавад. Яъне бино ба ҳолати 18 октябри соли 2022 дар Навоӣ дар 50 гурўҳи ташкилотҳои таълими томактабии вилоят 1121 нафар кўдакон бо забони қазоқӣ таълиму тарбия мегирифтанд. Аммо бубинед, ки тибқи ҳолати 25 ноябри соли 2024 дар вилояти Навоӣ ягон гурўҳи қазоқӣ вуҷуд надорад. Ё мисоли дигар: ду сол қабл дар Бухоро ягон гурўҳи тоҷикӣ амал намекард, аммо ҳоло ҷонишини вазир Ф.Боқиев маълумот медиҳад, ки дар кўдакистонҳои ин вилоят 140 нафар бо забони тоҷикӣ таълиму тарбия мегиранд.

Ин рақамҳо ва номутаносибии маълумотҳо моро дудила кард ва барои мушаххас кардани онҳо ба садоратҳои таълими томактабӣ ва мактабии вилоятҳо мурочиат кардем, ки дар ин бора баъдан маълумот хоҳем дод.

**Бахши мактаб ва маънавияти «Овози тоҷик».**

***Дар шаҳри Навоӣ зинаи вилоятии озмун аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик баргузор гардид.***

# ЗИНАИ ВИЛОЯТИИ ОЗМУН БАРГУЗОР ГАРДИД

Дар зинаи вилоятии озмун толибилмони синфҳои 9-10 ва хатмкунандагони мактабҳои тоҷикӣ, ки дар зинаҳои поёнии озмун ғолиб омадаанд, иштирок карданд. Байни довталабони хонандагони синфҳои 9 ва 10-ум толибилмони мактаби шумораи 43 дониш ва фаъолияти хуб нишон доданд. Байни довталабони синфи нўҳум се нафар толибилми мактаби шумораи 43 Азиза Низомова ҷойи аввал, Шарофат Ҳакимова ҷойи дувум ва ҷойи савумро Фарзона Халилова ( ҳар се нафарро омўзгор Ш. Сайфуллоев) сазовор гардид.

Байни довталабони синфи даҳум бошад, Ганҷина Ҷумъаева ҷойи аввал ва Наврўз Қурбонбоев ҷойи дувум (ҳар ду аз мактаби шумораи 43, омўзгор Э. Рўзиев) ва Шодигул Бекова (омўзгор Ф. Йўлдошев) аз мактаби 49 ҷойи савумро ишғол намуданд.

Баҳсу талош байни хатмкунандагони мактабҳои тоҷикӣ шиддатнок гузашт. Ҳайати доварон ҷойи аввалро ба хатмкунандаи мактаби шумораи 30 Ҳулкар Расулова (омўзгор Ҳ. Рўзиев) насиб диданд, ки ба зинаи ҷумҳуриявии озмун роҳхат гирифт. Ба ҷойҳои дувум ва савум мутобиқан хатмкунандагони мактабҳои шумораи 38 ва 49 Шоҳрух Саломатуллоев (омўзгор И. Артиқов) ва Умеда Додоева (омўзгор Ф. Йўлдошев) сазовор гардиданд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*17-декабр – Рўзи вафоти Мавлавӣ*

# НИГОҲЕ БА ТАРҶУМАҲОИ «МАСНАВӢ» ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Тарҷумаи «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» бо чолишҳои мутааддӣ рў ба рўст. Ин чолишҳо шомили тафовутҳои забонӣ ва фарҳангӣ, печидагиҳои забонӣ ва адабӣ ва тафсирҳои мухталиф аз мафоҳими ирфонӣ ва фалсафӣ аст.

Мутарҷимон бояд бо диққат ва дониши амиқ аз забони мабдо ва мақсад ва ҳамчунин ошноӣ бо заминаҳои таърихӣ ва фарҳангии Мавлоно ба тарҷума бипардозанд.

Яке аз мушкилоти аслӣ интиқоли дақиқи мафоҳими ирфонӣ ва фалсафии Мавлоно ба забони дигар аст, ки ниёзманди дарки амиқ аз мафоҳим ва тавоноии баёни онҳо ба шакли қобили фаҳм барои мухотабони ҷадид мебошад.

Барои ироаи тарҷумаи дуруст аз осори Мавлоно ва «Маснавӣ» боястӣ бар адабиёти форсӣ тасаллути кофӣ дошт. Тасаллут ба забони форсӣ ва шеъри Мавлоно, ниёзманди таркибӣ аз мутолиа, тамрин ва дарки амиқ аз фарҳанг ва таърихи Эрон мебошад. Яқин аст, ки барои чунин тавоноӣ бояд мутолиаи мутуни классикӣ дошт; аз манобеи омўзишӣ дар адабиёти классик истифода кард; дар сурати лузум аз клосҳо ва коргоҳҳо баҳра бурд ва дар ниҳоят мутолиа дар тафосир ва шарҳҳои осори Мавлоно ва тамрини тарҷума метавонад муфид бошад.

Дар ин мутолиа саъй мешавад бо равиши мутолиаи таҳқиқӣ ва китобхонае бо нигоҳи татбиқӣ ба Маснавӣ пардохта шавад. Барои тарҷумаи татбиқии осори Мавлоно, метавон аз равишҳои таҳқиқии мухталифе истифода кард, ки дар ин миён таҳлилҳои муҳтаво, сабкшиносӣ, татбиқии фарҳангӣ, таърихӣ, мутолиаи татбиқии тарҷумаҳои мухталиф истифода кард.

Ин мутолиа нигоҳе таҳқиқӣ ва татбиқӣ бар чолишҳои мавҷуд дар тарҷумаи осори Мавлоно, ба вижа «Маснавии маънавӣ» дорад.

Ганҷинаи адабиёти ҷаҳон ҳар рўз бо тарҷумаҳои ҷадиди «Маснавии маънавӣ» ғанитар мешавад.

Ин асар, ки аз даҳаи бистуми қарни гузашта вориди дунёи маънавии Ғарб шуд, акнун ҷойгоҳи худро дар миёни шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон тақвият кардааст.

Гарчи нахустин тарҷумаҳои осори Мавлавӣ ва хоса «Маснавӣ» ҳудуди ду сада баъд аз даргузашти вай (миёнаҳои қарни IX ҳиҷрӣ миёнаҳои қарни XVI милодӣ) ба туркӣ дар замони Усмонӣ сурат гирифтааст, аммо аз нимаи дувуми қарни XIX милодӣ ба ин сў тарҷума ва пажўҳишҳои афроде чун Негилсон, Арбарӣ, Винфилд ба англисӣ, Анна Мари Шимли ба олмонӣ, Абдулбоқӣ Гулпинорлӣ ба туркӣ ва Адиби Фирўзшоҳӣ ба синдӣ дар муаррифии осори Мавлоно ба миллатҳои дигар нақши муҳим доштааст.

Агарчи осори Мавлавӣ то кунун ба наздики 34 забони пуркорбурд (аз ҷумла забонҳои туркӣ, арабӣ, англисӣ, олмонӣ, шведӣ, итолиёӣ, фаронсавӣ, ҷопонӣ, албонӣ, испониёӣ, туркманӣ, урду, қазоқӣ, ўзбекӣ, чинӣ, юнонӣ, русӣ, молоӣ, туркӣ-озарӣ, курдӣ, суvоҳилӣ, буснёӣ, ҳуландӣ ва қирғизӣ) тарҷума шуда, бо ин ҳол шеъри Мавлоноро аслан бояд ба форсӣ хонд.

Шўрушайдоӣ, мусиқии даруниву маъонии баланди онро танҳо метавон ба форсӣ хонду дарк кард.

Ин баёни шигифтангез танҳо дар форсӣ намод пайдо мекунад.

Тарҷумаи ин шеърҳо бисёр душвор аст, аммо мухотаб, ки дар ниҳоят форсӣ намедонад ва мехоҳад Мавлоноро бихонад, бояд дасти кам рўҳи адабии забони ўро дарёбад. Бинобар ин мутарҷим, ки осори Мавлоноро тарҷума мекунад, аз дини ислому ирфон ва фарҳанги эронӣ аз наздик ошно бояд бошад.

Зимнан дар «Маснавӣ» оёти Қуръон 760 бор нақл шуда ва 703 ҳадис дар 745 макон ба кор рафтааст.

Аз назари Мавлоно инсон асосан рўҳи номаръӣ ва шабеҳи фариштагон ва мутааллиқ ба олами рўҳонӣ аст. Рўҳ аз Худост. Худованд онро дар қолаби гиле, ки сохта буд – шакл, яъне бадани инсон даровард. Ин қолаб ба таъбири Мавлоно сурат, яъне ҷусса, моддӣ, фонӣ, гузаро аст. Дуруст, мисли либосе, ки мепўшем, муваққатӣ аст. Вақте вақташ мерасад, ин ҷома аз тан хориҷ машавад ва дар олами мода мемонад, бадани ғуборолуд дубора хок мешавад. Ва рўҳ ҷовидона аст, ба асли худ – ба олами маънавият, коинот – ба Худо бозмегардад. Танҳо роҳи татҳири ишқ, таслим шудан дар баробари ишқи Худост.

Яъне шефтаи дурахшишҳои зудгузари ҷаҳон набошем, сареъ ва амиқ бифаҳмем, ки ҳамаи инҳо сурату тасвир ҳастанд, фаҳмида шавад, ки бояд ба дунболи маъно бувад, ба дунболи моҳият бувад (ва маънову моҳият аз назари Мавлоно «Алмаънӣ ҳуваллоҳ» аст, яъне Худо, ҷангидан барои ин аст, ки тамоми умрро фақат бо дурустӣ ва садоқат зиндагӣ кард, ба фикри оқибат ва охират буд, маъно ва асли омадан ва рафтан ба олами нурро на дар олами моддӣ, балки дар олами маънавӣ бояд ҷустуҷў кард. Мақсуд аз «Маснавӣ» дар асл як ҷомеаи сўфиёна аст.

(Давомаш дар саҳ.4).




*Дар мактаби таълими умумии рақами 54-уми шаҳри Нуқус байни хонандагони варзишгар озмуни гўштӣ баргузор гардид.*

*Озмун ба мақсади рушди варзиши бачагона ва тавассути он мустаҳкам намудани сиҳатмандии онҳо ташкил гардида, наздик ба 70 нафар писаракону духтаракон аз рўйи тоифаи вазни худ қувваозмоӣ намуданд.*

*Ғолибони озмун аз ҷониби ташкилотчиён бо тухфаҳои муносиб тақдир шуданд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз мусобиқа.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# ЁДБУДИ ШОИРИ ВАТАНПАРВАР

***Дар деҳаи Хаймари Болои ноҳияи Самарқанд ба муносибати 80-умин солгарди шоири ширинкалом, омўзгори собиқ Донишкадаи педагогии ба номи Садриддин Айнӣ, сарбози байналмилал Хуршед Қамар анҷумани фарҳангӣ баргузор шуд.***

Иштирокчиёни чорабинӣ дар маркази маҳалла ба зери муҷассамаи шаҳиди диёри афғон гулҳои тару тоза гузоштанд.

Сипас дар толори таълимгоҳи рақами 12-уми зодгоҳи ў тадбири асосӣ ба вуқўъ пайваст.

Раиси Шўрои нурониёни маҳалла Раҳмонқул Облоқулов ба анҷуман ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Дар чорабинӣ устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Аслиддин Қамарзода, раиси Шўрои вилоятии Иттиҳодияи маълўлон ва ҷангчӣ-фахриёни «VETERAN»-и Ўзбекистон Эркин Мавлонӣ, шоир Нормурод Каримзода ва дигарон ба сухан баромада, ёди неки ҷанговари байналмилал, шоири ширинкалом Хуршед Қамар намуда, таклиф карданд, ки кўчаи Хаймари Боло дубора номи ўро гирад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Руҷўи лирикӣ*

# ХУРШЕД ВА МО

Хуршед пас аз сайри оламгир оҳиста-оҳиста ба сўйи шаббоши худ мерафт. Вай ҳоло аз паси шонаҳои баланди кўҳсорон анвори худро ба замини рўзирасон ва кулли мавҷудот бедареғ мебахшид. Ин манзараи дилфиребро мушоҳида намуда, ба фикр фурў меравам: «Аҷаб саховате дорад Офтоби оламтоб. Яздони пок вайро тавре офаридааст, ки ба ҳама яксон нуру гармӣ мебахшад. Ҳар махлуқе, ки дар рўйи Замин ҳаст, аз анвори ҷонбахши ў бархурдор мегардад.

Ман аз Хуршед чашм намеканам. Вай аз ман дида барнамедорад. Ман аз ҷамоли вай сер намешавам. Аммо мудом рафтори ин офаридаи Худоро ба тарозуи таҳқиқ андохта, дар шигифт мемонам.

«Мо – одамон чаро наметавонем аз Хуршед омўзем?» – фикр мекунам ва дар ҳоле, ки саропоямро як ҳисси маъюсӣ фаро мегирад, дубора ба ҷамоли нуронии вай менигарам, ки ҳамон беминнат ба сўйи мо анвори ҷонбахши худро ҳадя месозад.

Офтоб ба сайри доимии худ идома медиҳад ва ман медонам, ки чанде пас рўйи худро аз мо пинҳон мекунад ва олам дар иҳотаи як зулмоти дилгиркунанда мемонад. Оё дубора ҷамоли нуронии Хуршедро мебинем? Посухи ин суолро касе намедонад, ба ҷуз Халлоқи олам! Чаро мо ба дарки ҳамин ҳақиқати сода расидаву аъмоли худро бознигарӣ намекунем?

«Чаро вай ҳар рўз пас аз атову бахшишҳои беминнат моро танҳо гузоштаву ба шабистони худ меравад?» – дубора аз дил мегузаронам. – «Шояд моро барои он танҳо мегузорад, ки замоне аз аъмоли рўзмарраи худ биандешем».

Вай мунтазир аст, то мо – фарзандони Одам ба дарки як маънӣ бирасем: «Якрў будан, дасти сахо боз нигаҳ доштан, ширинсухану чарбзабон будан, ба ҳам табассум нисор намудан, ба қадри якдигар расиданҳо...»

Офтоб фардо сари субҳ боз чашм мекушояду аз як гўшаи олам то канори дигараш сайр мекунад ва мебинад, ки инсонҳо ҳанўз тағйир наёфтаанд, аз ў дарси ибрат нагирифтаанд.

Одамизод! Кай ҳушёр мешавӣ, кай аз хоби гарон мехезӣ? Бингар, ки Офтоб чӣ гуфтан мехоҳад? Каме бошад ҳам самимияте дошта бошем. Ба қалби дўст нохунназанем ва хуншор насозем. Дилозориро аз гуноҳҳои бузург медонад, аммо мо бо суханҳои дурушту подарҳаво хотири ҳамдигарро ошуфта мекунем. Наход дар амал татбиқ намудани хислатҳои неки инсонӣ кори душворе бошад? Кинатўзӣ амали шайтон аст!

Хуршед ҳамон ба гардиши азалии худ идома медиҳад. Ҳама оламро ба як чашм дида, ҳар чӣ дар кулбори худ дорад, бебаркаш нисор мекунад.

Офтобвор бояд зист!

**Маҳзура ХАЛИЛОВА,**

*ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.*



# БИНОИ НАВ БА ИХТИЁРИ ХОНАНДАГОН СУПОРИДА ШУД

*Дар ноҳияи Учқўрғони вилояти Намангон бинои нави мактаби миёнаи ихтисосонидашудаи рақами 43-юм, ки барои 300 нафар пешбинӣ шудааст, ба истифода супурда шуд.*

*Дар доираи инвеститсияи соли ҷорӣ бар ивази 5 миллиарду 251 миллион сўм баробари сохтани бинои изофавӣ биноҳои мавҷуд низ пурра аз таъмир баровардa шуд.*

*Бинои нав бо иштироки роҳбарони секторҳо, куҳансолон, масъулони мактабҳои таълими миёнаву томактабӣ ва ҷамоаи васеъ ба ихтиёри хонандагон супорида шуд.*

*Пас аз маросими тантанавӣ дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» дар ҳавлии мактаб ниҳол шинонда шуд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз чорабинӣ.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

# НИГОҲЕ БА ТАРҶУМАҲОИ «МАСНАВӢ» ДАР ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.3).

Аммо ин ҷанба аз онро фақат касоне, ки аз тариқати сӯфиёна пайравӣ мекунанд ё касоне, ки онро хуб мешиносанд, метавонанд дарк кунанд. Мардуми дур аз дидгоҳи сӯфиёнаву фаҳми ирфонӣ, аз «Маснавӣ» – дар мавзуъҳои махлуқу ғайримахлуқ, махлуқу халқ, оламу инсон, сирату сурат, иллату маълул, сурату маъно, зоҳиру ботин, маргу бақо, ин ҷаҳону он дунё, малакуту дунё, монанди шоҳу гадо, нестиву ҳастӣ, куфру имон, ваҳдату фақр, дунёи моддиву маънавӣ ва ба ганҷинаҳое аз маъонӣ, сандуқе аз ҳикмат, асари комил, ки мояи зебоӣ, ишқу бемеҳрӣ, адолату беадолатӣ, амонату ҷанг, росту дурӯғ, вафодориву хиёнат, хайру шарр, ҳикмату ҷаҳл, ишқу хашм, илова бар лаззат, нафрату шафқат, покиву риё, саховату бухл, содагиву ҳила садҳо ҳикмати зебое дар мавриди ҳазорон даргирии инсониву дунёвӣ баҳра хоҳӣ гирифт. Мутаассифона, бисёре аз тарҷумаҳо таҳтуллафзиву мансур аст ва аз дунёи Мавлонову асолати Мавлавӣ дур мондаанд.

Мисолан, дар ғазали Мавлоно Боркис Мавлоноро «тавсеа» ва «модерн» мегӯяд: «Ман мусалмон, масеҳӣ, яҳудӣ, бутпараст, дин ё узви ҳеч низоми мазҳабеву фарҳанге нестам».

*Чӣ тадбир, ай мусалмонон,*
*ки ман худро намедонам,*
*На тарсо, на яҳудам ман,*
*на габрам, на мусалмонам.*
*На шарқиям, на ғарбиям,*
*на барриям, на баҳриям,*
*На аз кони табиийям,*
*на аз афлоки гардонам.*

Агар бигӯем, ки аксар тарҷумаҳо наметавонад ҷавобгӯйи дарунмоя ва маънои осори Мавлоноро таҳвил диҳад, муболиға намешавад, вале иғроқ нест, ки Мавлоно ба лутфи тарҷумаҳои Колман Боркис – шоири амрикоӣ бо истифода аз тарҷумаи калима ба калимаи Ҷон Муин (Ҷавод Муин)-и эрониюласл ҷаҳони ғарбро тасхир мекунад.

Боркис гуфта, ки дар ҳоле, ки китобҳои худаш фақат чаҳор то панҷ нусха дар моҳ ба фурӯш меравад, аз китобҳои Мавлоно рӯзона садҳо нафар харидорӣ мекунад.

«Маснавӣ» асари бебадалест, ки бо нубуғи шоирона рӯҳу маънавияти хонандаи закиро ҳам бо нури илоҳӣ ва ҳам дунёварӣ (заминӣ) рӯшан мекунад, медурахшад. Ҳадафи аслии Маснавӣ бедор кардани зеҳни нохудогоҳон аст.

Роҳи тарҷумаи осори Мавлоно дар Ўзбекистон солҳои истиқлол боз шуд. Ҷумъаниёз Ҷабборов ва Шоислом Шомуҳаммадов аввалин бор ин корро оғоз карданд. Бархе аз ғазалиёти шоирро тарҷума карданд. Баъдҳо Сироҷиддин Саййид низ дастае аз ғазалиёти ӯро ба ўзбекӣ баргардонд.

Ҷамол Камол ибтидо бархе аз ривоёти «Маснавӣ» ва бархе аз рубоиҳоро тарҷума кард ва китобе ба номи «Барои парвоз бол надорам, вале мепарам» мунташир кард. Ва баъдан «Маснавӣ»-ро ба таври комил ба қазовати мухотаб расонд.

Асқар Маҳкам низ бахши бузурге аз китоби аввалини асарро ба сурати китоби ҷудогона бо тарҷума ва таъликоти шеърӣ ба забони ўзбекӣ мунташир кард.

Эргаш Очилов – пажӯҳишгар ва мутарҷими боистеъдод рубоиёти Мавлавиро соли 2013 мунташир кардааст.

Саҳми тарҷумонҳои моҳир Асқар Маҳкам, Ҷамол Камол ва Одил Икром «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоноро дар солҳои мухталиф ба забони ўзбекӣ тарҷума кардаанд ва тарҷумаҳои онҳо аз тарафи мухотаб хеле муштоқона истиқбол шудааст. Агарчи ҳар тарҷумаи анҷомидашуда вижагиҳои хоси худро дорад ва ҳар мутарҷим саъйе кардааст аз асли мутун дур наравад, вале боз ҳам аз баъзе халалҳо холӣ нест.

Асқар Маҳкам (1958-2007) мутарҷими боистеъдод ва шоири номӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки озодандеш дар шеъри нави ўзбекӣ дар вазнҳои сарбаст, байти сапед, вазни ангушту арӯз шеър сурудааст. Он тавре ки гуфтем, дафтари аввали Мавлавиро ба номи «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ» соли 1999 дар Тошканд мунташир кардааст. Ҳамчунин маҷмуаи «Ғазалиёти Девони Шамси Табрезӣ» тавассути ӯ ба забони ўзбекӣ баргардонда, ки китоб мавриди назари ройзани фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ўзбекистон мунташир шудааст.

Ҷамол Камол (1938-2022) ҳикматҳои Мавлавӣ (соли 2013) ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавиро солҳои 2000-2004 ба забони ўзбекӣ тарҷума ва дар шаш ҷилд нашр кардааст.

Одил Икром (1960) «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавиро соли 2021 ба ўзбекӣ тарҷума кардааст. Тарҷумаи эшон хеле тарафдорони зиёде дорад, чун тарҷума ба забони ўзбекӣ хеле равон даромадааст.

Инак, ба тарҷумаҳо таваҷҷуҳ мекунем. Мисолан, Мавлоно дар дафтари аввал мегӯяд:

*Моҳ, к-ӯ афзуд з-ахтар дар ҷамол,*
*Шуд зи ранҷи диққи ӯ*
*ҳамчун хаёл.*

Тарҷумаи Ҷамол Камол:

*Ойда юлдуздан-да ортиқдир*
*чирой,*
*Ой эмас, нозикхаёлдир кўкда ой.*

Тарҷумаи Одил Икром:

*Ой эрур юлдузданам*
*соҳибжамол,*
*Гар тутилса – сил, қолар*
*ундан хаёл.*

Дар ин байт ҳар ду мутарҷим ҳам аз маъно дур рафтаанд, дар натиҷа вожаҳои изофӣ истифода шудааст, ки дар матни аслӣ дида намешавад. Беҳтар мебуд ин тавр бошад:

*Ой қани чиройда юлдуздан*
*ортган*
*Хаёл каби бўлди у ранжу ғамдан.*

Боз:

*Ин талаб дар мо ҳам аз эҷоди*
*туст,*
*Растан аз бедод, ё Раб, доди туст.*

Дар байти зер Одил Икром саҳеҳтар тарҷума кардааст, вале Ҷамол Камол вожабофӣ кардааст. Дар натиҷа ба коҳиши маънии асл дучор шудааст:

Тарҷумаи Ҷамол Камол:

*Бу талабдир лутфи ижодинг*
*сенинг,*
*Зулмдан, ё Раб, дейиш додинг*
*сенинг.*

Тарҷумаи Одил Икром:

*Не талаб бор бизда –*
*ижодинг эрур,*
*Кетса гар зулм, адлу эҳсонинг*
*эрур.*

Беҳтар мебуд ба ин тарз бошад:

*Биздаги бу талаб ҳам,*
*ижодингдан сенинг,*
*Ё Раб! бедодликдан халос*
*адлинг сенинг.*

Боз ҳам:

*Чун ту дар Қуръони Ҳақ бигрехтӣ,*
*Бо равони анбиё омехтӣ.*

Дар ин байт таваҷҷуҳи мутарҷимон бештар ба қофия буда, Ҷамол Камол ҳатто тафовути авлиёву анбиёро дар назар нагирифтааст:

Тарҷумаи Ҷамол Камол:

*Тангри Қуръонида бўлса*
*рағбатинг,*
*Авлиёлар бирла бўлгай*
*суҳбатинг.*

Тарҷумаи Одил Икром:

*Сен агар огоҳ Ҳақ Қуръонидан,*
*Нам туярсан анбиёнинг жонидан.*

Мебоист ин тавр мегуфт:

*Гар паноҳ топсанг Ҳақнинг*
*Қуръонига,*
*Қоришгайсан анбиё руҳига.*

Дар ҳоле ки Ҷамол Камол саъй мекунад қофияи аслиро ҳатто ба қимати фидо кардани маънӣ дар бештар мавориди ҳифз кунад ва бар ин асос ба ҷамолоте бо изофоти форсӣ тамоил дорад. Одил Икром ағлаб маънои байтро иштибоҳ мегирад, гўйӣ дар ҳоли ўзбекисозии он аст.

Дарвоқеъ, дар тарҷума ҳифзи як шакли зебо ва интиқоли муҳтавое дурахшон ба таври ҳамзамон бисёр душвор аст. Бо ин ҳол инро набояд нуқси забонӣ донист, ки асар ба он тарҷума шудааст.

Ҳатто дар ҳеч забони ғанӣ зарқу барқ, фасоҳату зарофати як забони хориҷӣ ба як шакл зоҳир намешавад. Гоҳе бояд зиннати шоирона – барроқият, печидагиро курбонӣ кард, то амиқтарин маъно ҳифз гардад.

**Наргис ШОАЛИЕВА,**
**дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва ўзбекии Академияи байналмилалии исломии Ўзбекистон.**



*Мақбараи Мавлонои Балхӣ дар Қуния (Туркия).*



***Хатмкардаи факултаи филологияи ўзбеки Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва Институти сиёсатшиносии Санкт-Петербург Ҳабиб Темиров 14 декабри соли 1954 дар деҳаи Ҷўши ноҳияи Кўшработи вилояти Самарқанд дида ба дунё кушодааст.***

***Корро соли 1956 ба сифати журналист дар рӯзномаи вилоятии «Зарафшон»-и вилояти Самарқанд шурӯъ намуд. Дертар хабарнигори рӯзномаи «Халқ сўзи» буд. Чанде дар ҳокимиятҳо вазифаҳои масъулро бар дӯш дошт. Аз соли 1999 то ба қарибӣ ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Қишлоқ ҳаёти» буд. Дар айни ҳол дар Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияи оммавии Ўзбекистон бо фаъолияти педагогӣ машғул мебошад.***

***Муаллифи қиссаву ҳикояҳои намакини «Одаме дар хиёбон», «Ҳангоми ғуруб», «Асрори қасри сиёҳ», «Макр ё муҳаббат», «Як рӯзи пеш аз қиёмат» мебошад. Соли 1993 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон пазируфта шудааст.***

***Нависандаи хушсалиқа имсол по ба зинаи 70-уми умр ниҳод.***

***Ба ин муносибат ҳикояи ӯ «Ишқи Ҳурлиқои инчиқ»-ро ба хонандагони «Овози тоҷик» пешкаш намуда, барояш тандурустӣ ва комёбиҳои эҷодӣ таманно менамоем.***

***Бахши адабиёт ва ҳунари «Овози тоҷик».***

*Ҳабиб ТЕМИРОВ*

# ИШҚИ ҲУРЛИҚОИ ИНЧИҚ

*(Ҳикоя)*

Яке аз рӯзҳои фасли баҳор буд. Бо рафиқам қарор додем, ки баъди кор, дар хиёбон вомехӯрем. «Дар тарабхонае мешинем», – гуфт ӯ.

Ба ваъдагоҳ чун одат панҷ-шаш дақиқа пештар омада, дар таги дарахтони арғувонӣ, ки аз онҳо бӯйи борон меомад, сигоркашон гардиш мекардам, ки ҷавондухтаре маро ҷалб намуд. Вай дар пойи муҷассамаи барқаде, ки дар хиёбон гузошта буданд, меистод. Ҷуссаи хурдакаке дошт, ки ба худаш мезебид. Ҳарчанд дар чеҳраи гандумиаш гузашти солҳо осори худро гузошта буданд, қомати мавзун дошт. Дар тан боронӣ дошт, мӯяшро беҳавсала ба тахтапушташ партофта буд. Ба фикрам, вай касеро интизор буд. Бо нӯги мӯзачаи соқаш кӯтоҳ ба роҳрави мармарин асабӣ хат мекашид.

– Шумо, ки... акои Эҳсон нестед? – ғайричашмдошт пурсид ӯ.

Аз ин илтифоти тасодуфӣ саросема шуда, ҷавоб додам:

– Не.

– Узр. Аз нигоҳҳои синчакоронаатон фикр кардам, ки ...

– Барои нигоҳ узр... Аммо ман аз он ки ба акои Эҳсон монандам, хушҳол гардидам. Кошкӣ ба акои Эҳсон табдил меёфтам.

Вай қоҳ-қоҳ зада хандид. Садояш чун садои зангӯла ҷарангдору маҳин буд.

– Эҳтимол, худашон ҳастед? Маро фиреб дода-а...

Ин ҳангом гӯё чизеро дарк кардам.

– Бо ӯ аз ин пеш ҳам вохӯрда будед?

– Не. Тавассути телефон ошноӣ пайдо кардем. Қарор додем, ки имрӯз бори аввал вомехӯрем. Наомад. Фиребгар...

– Акнун магарам суруди «Ваъдаро додиву ҳоло дар куҷоӣ, бевафо»-ро хиргоҳӣ мекунед. Агар хоҳед, ҷӯр мешавам. Ё аз ин ҳам беҳтараш ҳаст: «Дина Эҳсон ваъда доду воаҷаб, пайдо нашуд».

Вай боз инони хандаро сар дод.

– Шӯх будаед. Номатон чист?

– Номам Шоҳид, аммо омода ҳастам, ки барои шумо Эҳсон бошам.

Вай боз хандид. Ман, аз он, ки суханҳоям ба ӯ маъқул шуда истодаанд, илҳом мегирифтам.

– Агар сир набошад, номи шумо чист?

– Ҳурлиқо!

– Номатон муносиби ҷисматон будааст.

– Монед-чӣ!

– Рост мегӯям. Басо хушрӯ будаед. Аммо...

– Аммо гуфтаниед, ки ҷаро бо фиребгаре тавассути телефон шинос шудед. Ҳамин тавр?

– Не, ман... дигар чиз гуфтанӣ будам. Модоме ки саволро кӯндаланг гузоштед, малол наояд, ҷавоб диҳед.

– Малол меояд.

– Ин тавр бошад, ҷавоб надиҳед. Дар асл, ин кори шахсии ҳар кас.

Ин ҳангом рафиқам пайдо шуду риштаи суҳбатамон гусаст. Барои он ки гапи зиёдатӣ нашавад, ба пешвозаш шитофтам.

– Касеро, ки интизораш будед, омад? Равед, хайр.

– Хайр... Дарвоқеъ. Агар хоҳед, ки суҳбатамон идома пайдо кунад, занг занед. Рақами телефонам – сето чор, сето панҷ...

Ӯ чизе нагуфт. Шояд ба ҷойи он ки рақами телефони ӯро пурсам, рақами телефони худро пешниҳод намудам, малол омад.

Бо рафиқам шароби «Садаф»-ро нӯшида, дар ҳолати сархушӣ ба фикр фурӯ рафтам, ки «Чаро бо ӯ аз наздик шинос нашудам?»

Рӯзи дигар занг зад. Хурсанд шудам.

– Салом, ҷавони аълохон!

– Чаро ин тавр мегӯед?

– Рақами телефонатон аз 4 ва 5 иборат. Илова бар ин, ба аълохонҳо монандӣ доред. Ҷавони хушрӯ будаед...

Тапиши дилам тез шуд. Охир, таъриф ба кӣ намефорад?

«Аҳ-а, – гуфтам худ ба худ, – яъне Эҳсон наомадааст. Шояд ҷавоне бо номи Эҳсон тамоман вуҷуд надорад, барои бо ман ошноӣ пайдо кардан ин баҳонаро бофтагист».

Ҳурлиқоро ба вохӯрӣ даъват намудам. Омад. Духтарон дар баҳор боз ҳам зеботар мешаванд. Аммо Ҳурлиқо, воқеан, хушрӯ буд. Мо дар боғҳои сабзе, ки тоза бедор мешуданд, оҳиста-оҳиста қадам мезадем.

– Шумо дар дили ман маъво гирифтед, – гуфт ӯ ғайричашмдошт, – дер боз ҳеч кас ба ин андоза писанд наомада буд. Ҷавони зебову хушчақчақ будаед. Шояд оиладор ҳастед? Хуб, ин аҳамият надорад. Ман... дар ҳаёт фиреб хӯрдаам. Дар оилаи хубу баобрӯ ба воя расидам. Падарам... Барвақт гузаштанд. Модарам ҳам. Касе набуд, ки маро зери назорат гирад. Хоҳарбузурге дорам. Вай ҳам бо ташвишҳои зиндагии худ. Ҷавонеро дӯст медоштам. Мегуфт, ҳамхона мешавем, аммо ба ваъдааш вафо накард. Ба дунболи дигараш рафт. Дили бахшанда дорам. Баъди хонадор шуданаш ҳам вомехӯрдем. Баъд... Чӣ шуду аз ӯ дилам монд. Ҳоло танҳоям. Ба қарибӣ яке аз дугонаҳоям рақами телефонамро ба Эҳсон ном ҷавон додааст. Занг зад. Гап задем. Аз занаш ҷудо шуда будааст. Гуфт, ки безебам, қадам паст, дар чашмонам айнак дорам. Гуфтам: « Ҳар кӣ ҳам бошед, як бор бинам». Ваъда доду наомад. Шояд худдорӣ кард... Шумо бошед, далер ҳастед. Духтаронро зуд ром мекунед. Аммо ман ба зудӣ таслим намешавам...

Ин гуфту қоҳ-қоҳ зада хандид.

Аввал ба кино даромадем. Сипас хӯрок хӯрдем. Шароби дӯстдоштаамро нӯшидем. Ба рӯйи ӯ сурхӣ дамиду дӯстрӯтар шуд. Баъд ӯро ба кулбаам, ки дар як гӯшаи шаҳр воқеъ буд, овардам. Танҳоиямро дида, ба тааҷҷуб афтод.

– Деҳотиед? – пурсид ӯ.

– Не. Ҳамин хел... Ҳеч кас надорам.

Аз ҳайрат чашмони нилии ӯ бозтар шуданд. Ман магнитофонро гузоштам. Оҳанги хуше садо дод. Ӯро ба рақс хондам. Ҳангоми рақс ба ӯ аз бобати дар хонаи бачаҳо тарбия ёфтан, институт, кори илмӣ ва дигар сабабҳои хонадор нашуданам нақл кардам. Чеҳраи ӯ шукуфт. Маро сахт ба оғӯш кашида, рӯяшро ба рӯям гузошт.

– Пас, мешавад мо издивоҷ кунем?

Чизе нагуфтам. Вай ғайричашмдошт аз рӯйҳоям бӯсид.

– Бо ман ҳамхона шавед, акои Шоҳид! Яктану якҷон зиндагӣ мекунем. Як умр ёри вафодор, хидматгоратон мешудам.

Баъд якбора маъюс гардид, дастони дар гарданам ҳалқааш суст шуданд.

– Маро... Хатои маро шояд намебахшед... Ҳамин тавр?

Вай аз оғӯшам раҳо гашту ба курсӣ нишаст. Дар ҳалқаи чашмонаш ашк давид.

Аз дастонаш нарм дошта, ба оғӯш кашидам. Ва... Он суханони муқаддасеро, ки як умр дар бисотам нигоҳ медоштам, ба ӯ гуфтам. Шояд аз ҳаяҷон буд, ки ҳарфҳоям пой дар ҳаво, канда-канда мебаромаданд.

– Шумо... ту ҳам аз рӯзи аввали дидан дар дилам маъво гирифтӣ. Чунин ба назар мерасад, ки туро як умр меҷустам ва инак, баъди интизориҳои тӯлонӣ пайдо кардамат. Эҳтимол... ишқ, муҳаббат ҳамин бошад? Бигӯ, ту низ маро дӯст медорӣ?

Ҳурлиқо чизе нагуфт. Сарашро ба сари синаам монда, нафаси чуқур кашид. Гумон кардам, ки ин нафас ҳосили орзуи бахти ногаҳонӣ буд...

Хулоса, якчанд рӯз ҳамроҳ ба сар бурдем. Ҳар ду маслиҳат кардем, ки рӯзҳои наздик аз никоҳ гузашта, баъди ҷамъ кардани маблағе, тӯйи хурдакаке барпо мекунем. Дар ин хусус ба раиси маҳалла – коргари куҳансоли завод Қобилака гуфтам. Вай хурсанд шуд.

– Писарам, дуруст фикр кардаӣ. Танҳоӣ – шуғли беҳуда. Шумо барин ҷавонҳо бояд ба Ватан-Модар фарзандони солим тарбия кунед. Вақтро аз даст надиҳед.

Ин суханҳо ҳазл буданд ё рост, ба ман маъқул шуданд. Аз ину он қарз гирифта ба тӯй омодагӣ гирифтам.

Аммо... Як бегоҳӣ Ҳурлиқо наомад. Фардо ҳам, пасфардо ҳам. Ба хонааш занг задам. Хомӯшӣ. Рафтам. Нест. Аз ҳамсояҳояш пурсидам. Яке аз ҳамсояҳояш ба куҷо рафтанашро фаҳмонд. Ба он ҷо рафтам. Дар яке аз мавзеъҳои канори шаҳр, дар хонаи одии бомаш паст зиндагӣ мекардааст. Дарро ҷавони паканаи гандумранги айнакдор кушод.

– Салом, ба шумо кӣ лозим?

– Ҳурлиқо...

– Ҳозир...

Ҳурлиқо дар тан хилъат берун омад. Вай аз Ҳурлиқои пештара даҳҳо маротиба зеботар буд. Шояд манзараи ғарибонаи кулба ва ҷавони назарногири паҳлуяш ба ҳуснаш афзуда буд. Чеҳраи гулгуну бахтиёр дошт. Аммо ӯ хушҳолиашро аз ман пинҳон дошт. Ба ман маъюс нигарист.

– Маро... Маро беҳуда ҷустаед. Ман муносиби шумо нестам. Эҳсонакаро ёфтам. Илтимос, хафа нашавед.

Инро гуфту ба дарун даромад. Ба Эҳсони сархам назар андохта, як муддат истодам. Баъд маҳзун зери лаб «хайр» гуфтаму баргаштам. Бо дили ноҳоҳам як-як қадам мемондаму фикру хаёлҳои ба ҳам зид дар сарам чарх мезаданд. Гоҳе бо танаффур Ҳурлиқоро зани «бетаъин»-у «сабукпо» меномидам. Гоҳе худро тасаллӣ медодам, ки «чӣ илоҷ, муҳаббат ҳиссиётест гунгу нозук».

Вақте ба кӯчаи калон мебаромадам, борон шиддат пайдо карда буд. Ба фикрам, ин борони нахустини фасли баҳор буд.

Борон меборид, ман бошам, дар кӯчаи фарох танҳо қадам мезадам...

**Аз ўзбекӣ тарҷумаи**
**Саодат БЕКНАЗАРОВА.**

# БУЗУРГДОШТИ ПРОФЕССОРИ ФОЛКЛОРШИНОС

***Дар мактаби миёнаи рақами 37-уми ноҳияи Самарқанд тақдимоти китоби «Афсонаҳо ва латифаҳои тоҷикӣ»-и доктори фанҳои филологӣ, профессор, шодравон Саъдӣ Маҳдӣ (1932-2005) баргузор гардид. Бо ҳамин муносибат дар толори таълимгоҳ хешу пайвандони муаллиф, аҳли фарҳангу адаб, фаъолони маҳалла, вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ ҷамъ омаданд.***

Доктори фанҳои филологӣ, устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Садрӣ Саъдиев хотироти хешро доир ба дӯсти наздикаш нақл намуд.

– Раҳматӣ Саъдӣ Маҳдӣ одаме буд, ки давраро гул мекунонд, – иброз дошт нотиқ, – касе, ки дар суҳбати ӯ менишаст, орзу мекард, ки бо ин инсони донишманду аҳли завқу шавқ, устоди ҳазлу шӯхӣ бори дигар нишинад. Забони ширину дилкаш дошта, суруду таронаҳои аҷиби мардумӣ мехонд. Вай чун Холиқ Мирзозода, Раззоқ Ғаффоров барои ривоҷу равнақи забони модарӣ саҳми арзанда гузошт.

Дар поёни тадбир хонандагони таълимгоҳ аз рӯйи латифаҳои китоби Саъдӣ Маҳдӣ намоиши саҳнавии ҷолиби диққатро гузоштанд.

Як қисми асарҳои шодравон Саъдӣ Маҳдӣ ба китобхонаи мактаб тақдим гардид.

**Баҳодури ЗОҲИР.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

ФУТБОЛ

# «НАСАФ» – ҚАҲРАМОН

***Футбол аз навъҳои паҳншудаи варзиш аст, ки дар байни пиру ҷавон яксон шуҳрат дорад ва ҳамасола миллионҳо мухлисони худро дар майдонҳо ҷамъ оварда, ба дилҳои зиёде фараҳ мебахшад.***

Дар болои майсаи сабз мубориза ду тими тамриндида, ки тӯбро ба ҳаракат водор сохта, бо маҳорати баланд ва самти дарвозаҳои ҳамдигар бурдаву устокорона ворид мекунанд, басо ҷолиб аст. Ҳамон лаҳза садои «Гол!» майдонро ба ларза меоварад ва ин бозӣ лаҳза ба лаҳза шиддат ёфта, гоҳо ба арсаи ному нанг мубаддал мешавад. Чунин бозиҳоро доварони сатҳи баланд ва таҷрибаи ғанӣ идора мекунанд ва ҳуснашро қадру қубҳашро зуд маҳкум месозанд. Футбол як бозиест, ки хунҳоро дар шарён ба ҷӯш меорад ва чӣ бозигарон ва чӣ тамошобинон дар идомаи 90 дақиқа пайваста ба ваҷд меоянд.

Дар ин набард аз аъзои ҳар даста маҳорат, ҷасорат ва шуҷоату заковат талаб мешавад. Аз ин ҷост, ки футболро барҳақ шоҳи варзиш хондаанд ва ба сифати «Бозии миллионҳо» шинохтаанд. Ин маъруфиятро ҳунари волои дастаҳои футбол эъто намудааст.

Дар Ўзбекистон низ ин навъи варзиш мухлисони зиёде дорад ва мардуми мо ба дастаҳои футболбозони ватанӣ низ меҳри беандоза доранд ва ҳар як бозии тимҳои ҷойдориро бо шавқу рағбати калон тамошо мекунанд.

Тими «Насаф» низ аз беҳтарин дастаҳои футбол мебошад, ки солҳои охир мавриди таваҷҷуҳи доираҳои варзишии ҷумҳурӣ ва берун аз он қарор гирифтааст. Ин даста хусусан дар замони истиқлол бештар шуҳрат пайдо кард ва ҳоло ҳар як бозии вай мухлисонро шод месозад. Боиси хушнудӣ аст, ки «Насаф» пас аз тамрин ёфтан, сайқал додани ҳунари футболбозии ҳар узви худ ва ба як дастаи соҳибмаҳорат мубаддал гаштан боз ҳам бозиҳои хуб намоиш медиҳад ва айни ҳол дар лигаи олии кишвар дар қатори чандин тими неруманд ҳунарнамоӣ мекунад. Мавсими футболи соли 2024-ро дар Суперлигаи мамлакат далерона оғоз намудаву ба натиҷаи ниҳоӣ расид. Муборизаҳои дастаи муттафиқи «Насаф» дар бозиҳои футболи лигаи олии ҷумҳурӣ басо пуршиддат буд ва маҳорати баланди футболбозон боис гардид, ки пеш аз муҳлат чемпиониро ба даст оваранд. Аз ин навид зиёдтар аз як моҳ гузашта бошад ҳам, ҳанӯз шаҳди он зафар комҳоро ширин ва дилҳоро шод нигаҳ медорад.

Ёдовар мешавем, дар бозии 1-уми ноябри соли 2024, ки 23-юмин бозии лигаи олӣ маҳсуб меёфт, дар майдони «Дӯстлик»-и шаҳри Тошканд ду дастаи муқтадири Ўзбекистон – «Локоматив»-и шаҳри Тошканд ва «Насаф»-и шаҳри Қаршӣ вориди сабқат гаштанд. Шогирдони Рӯзиқул Бердиев – сармураббии «Насаф», бо ҳуҷумҳои пайдарпай рақиби худро ба саросемагӣ водор карданд. Сардовари бозӣ Аҳрор Рисқуллоев дар дақиқаи 35-уми бозӣ бинобар ҳаракати беҷо ҳимоятгари «Локомотив» Иван Рогачиро, аз майдон ронд. Ин ба рӯҳияти бозингарон латма ворид сохт. «Насаф» аз вазъи мусоид истифода карда, ба ҳуҷумҳои худ афзуд ва фишори пайвастаи футболбозони қашқадарёвӣ оқибат бор оварданд. Дар дақиқаи 73-юми бозӣ яке аз бозигарони номии дастаи «Насаф» Акмал Мозговой муваффақ гашт, ки бо усули хеле олӣ тӯбро вориди дарвозаи «Локомотив» гардонад. Ин тавр, то интиҳои бозӣ ягон голи дигар ба қайд нарасид ва «Насаф» дар таърихи худ бори аввал ғолиби сабқати Суперлигаи Ўзбекистон гашт, ки ин ғалаба се бозӣ пештар ба ин даста насиб гардид.

Мухлисон қаҳрамонҳои худро дар шаҳри Қаршӣ хуб пазироӣ намуданд ва ҳукумати маҳаллӣ хидмати арзандаи онҳоро дар роҳи рушди варзиши вилоят ва ҷумҳурӣ бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ сохт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.